## ИМТИЁЗ БА КИҲО ДОДА МЕШАВАД?

Мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ИМД барои гурӯҳҳои муайяни довталабон имтиёзҳо муқаррар гардидаанд (ба ҷадвали 12 нигаред). Имтиёз ба довталабон пас аз пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда ва гирифтани холҳои гузариши фаннӣ аз ҳамаи субтестҳои дахлдор дода мешавад. Тартиби додани имтиёзро Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

Барои гирифтани имтиёзҳо чунин шарту талабот муқаррар гардидааст:

1) пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ дар вақти бақайдгирӣ;
2) хулосаи Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (маълумотномаи силсиладор) дар бораи маъюби гурӯҳи 1-ум ё 2-юм будани довталаб (агар тибқи хулосаи Хадамоти мазкур барои онҳо аз рӯи ихтисосҳои интихобкардаашон таҳсил манъ карда нашуда бошад);
3) хатти вафоти падар ва модар, шаҳодатнома дар бораи таваллуди довталаб (барои ятимони кулли то 21-сола);
4) ҳуҷҷати тасдиққунанда дар бораи бепарастор будани довталаб, ки бахши оид ба ҳуқуқи кӯдаки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ё ноҳияи дахлдор додааст (барои бепарасторони то 21-сола);
5) мувофиқати дастоварди довталаб ба ихтисос(ҳо)и интихобкарда, аз ҷумла:
   - ғолибият дар олимпиадаҳои фаннӣ;
   - дастовардҳои соҳаи санъат танҳо барои ихтисосҳои соҳаи санъат;
   - дастовардҳои соҳаи варзиш танҳо барои ихтисосҳои соҳаи варзиш;
6) дастовардҳои довталабон аз он олимпиадаҳои фаннии ҷумҳуриявӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд, агар ин олимпиадаҳо дар соли таҳсиле, ки ИМД-ро довталаб месупорад, баргузор шуда бошанд;
7) аз баргузории олимпиадаҳои фаннии байналмилалӣ, ки довталабон дар онҳо ғолибият доранд, то соли имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ набояд аз 2 сол бештар гузашта бошад. Дастовардҳо аз олимпиадаҳои фосилавӣ ба назар гирифта намешаванд.
8) аз баргузории озмуну фестивалҳои тахассусии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии соҳаи санъат, ки довталабон дар онҳо ғолибият доранд, то соли имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ набояд аз 2 сол бештар гузашта бошад;
9) дуруст ва дақиқ пешниҳод кардани маълумот дар бораи ҷойи зист ва муассисаи таълимие, ки довталаб дар он таҳсил мекунад ё онро хатм кардааст (барои довталабони Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино ва коллеҷҳои тиббӣ, ки барои илова кардани коэффитсиент ба натиҷаҳои имтиҳонашон ҳуқуқ доранд).
10) гирифтани холҳои гузариши фаннӣ аз ҳамаи субтестҳои дахлдор.

Ғолибони ҷойҳои 1-ум, ки дар олимпиадаҳои фаннии ҷумҳуриявӣ холҳои муайянгардида (аз 90 то 100 хол)-ро соҳиб гардидаанд ва бо туҳфа, медал, «Ифтихорнома» ва «Тавсиянома»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

сарфароз шудаанд, дар сурати мувофиқат кардани фан(ҳо)и олимпиада ба ихтисоси интихобкардаашон, ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо тариқи суҳбат қабул карда мешаванд.*

Инчунин, дорандагони аттестат (шаҳодатнома)-и универсалӣ бо медали тилло ё нуқра ва дорандагони аттестат (шаҳодатнома)-и аълои равиявӣ бо медали тилло ё нуқра (дар сурати мувофиқат кардани равия ба ихтисоси интихобкардаашон) ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо тариқи суҳбат қабул карда мешаванд.*

*Агар чунин шахсон аз имтиёзи пешбиникардаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон даст кашида, дар ИМД иштирок карданро хоҳанд, дар имтиҳонҳо **мувофиқи тартиби умумӣ (бе гирифтани имтиёз)** ширкат менамоянд.

| ! | **Рӯйхати ятимони кул, бепарасторон ва маъюбони гурӯҳҳои 1-ум ва 2-юмро бо пешниҳоди Марказ мақоми ваколатдори давлатии дахлдор тасдиқ менамояд.** |
|---|---|

Агар довталаб барои гирифтани чанд имтиёз ҳуқуқ дошта бошад, ба ӯ бали имтиёзии баландтарини муқарраршуда дода мешавад.

Ба довталабони Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино ва коллеҷҳои тиббӣ, ки дар соли имтиҳонсупорӣ хатмкардаи муассисаҳои таълимии ноҳияҳои ба онҳо коэффитсиент ҷудошуда мебошанд ва ҳам истиқоматкунандаи ҳамин ноҳияҳоянд, коэффитсиент пешбинӣ шудааст. Довталабоне, ки ҳам ба коэффитсиент ва ҳам ба дигар имтиёзҳо ҳуқуқ доранд, дар сурати зиёд будани бали имтиёзияшон аз бали коэффитсиент бали имтиёзиро ва дар акси ҳол, бали коэффитсиентро соҳиб мегарданд.

Бали коэффитсиент ба балҳои аз қисми Б (имтиҳони ихтисос) бадастовардаи довталабони Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино ва ихтисоси "Кори момодоягӣ"-и коллеҷҳои тиббӣ, ки тибқи тартиб ҳуқуқи гирифтани коэффитсиентро доранд, дар сурати соҳиб гаштанашон ба холҳои гузариши фаннӣ аз ҳамаи субтестҳои дахлдор илова мешавад.

Қимати коэффитсиентҳоро вобаста аз таъминоти шаҳру ноҳияҳо бо кормандони тиббӣ ҳар сол Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа менамояд.

Ҷадвали 12.

Ҷадвали имтиёзҳо дар ИМД-2016

| № | Имтиёздорон |
|---|---|
| 1. | *Шахсоне, ки ба натиҷаи имтиҳонҳояшон* ***150 бал*** *илова мешавад:* |
| 1.1. | Маъюбони гурӯҳҳои 1-ум ва 2-юм (аз ҷумла, нобиноёни соҳиби истеъдоди фавқулода), ки мувофиқи хулосаи Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсили онҳо дар ихтисосҳои интихобкардаашон манъ карда нашудааст (тибқи пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ). |
| 1.2. | Ятимони кул (бе падару модар) ва бепарасторони то 21-сола бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ. |
| 2. | *Шахсоне, ки ба натиҷаи имтиҳонҳояшон* ***100 бал*** *илова мешавад:* |
| 2.1. | Ғолибони олимпиадаҳои фаннии ҷумҳуриявии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки аз фанни асосии имтиҳонии ихтисос(ҳо)-и интихобкарда камтар аз 90 холро ба даст оварда, соҳиби медали ҷойи 1-ум ва тавсияномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гаштаанд.[1] |

[1] Ғолибони ҷойҳои 1-ум, ки дар олимпиадаҳои фаннии ҷумҳуриявӣ холҳои муайянгардида (аз 90 то 100 хол)-ро соҳиб гардидаанд ва бо тухфа, медал, «Ифтихорнома» ва «Тавсиянома»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз шудаанд, дар сурати мувофиқат кардани фан(ҳо)и олимпиада ба ихтисоси интихобкардаашон, ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба тариқи суҳбат қабул карда мешаванд.

| № | Имтиёздорон |
|---|---|
| 2.2. | Ғолибони олимпиадаҳои байналмилалии фаннии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (ба истиснои озмунҳои фосилавӣ), ки аз фанни асосии имтиҳонии ихтисос(ҳо)-и интихобкарда соҳиби медали ҷойи 1-ум ва тавсияномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гаштаанд. |
| 2.3. | Ғолибони озмуну фестивалҳои тахассусии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии соҳаи санъат бо тавсияномаи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар сурати мувофиқати дастоварди ду соли охир ба ихтисос(ҳо)-и аз равияи санъат интихобкарда). |
| 2.4. | Аъзои дастаҳои яккачини варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон, дорандагони дараҷаи “Номзади устоди варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон” ё унвони “Устоди варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Устоди варзиши дараҷаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ё “Устоди шоистаи варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон” (дар ихтисосҳои самти варзиш бе маҳдудияти соли дастоварди). |
| *3.* | *Шахсоне, ки ба натиҷаи имтиҳонҳояшон* ***75 бал*** *илова мешавад:* |
| 3.1. | Ғолибони олимпиадаҳои фаннии ҷумҳуриявии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки аз фанни асосии имтиҳонии ихтисос(ҳо)-и интихобкарда соҳиби медали ҷойи 2-юм ва тавсияномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гаштаанд. |
| 3.2. | Ғолибони олимпиадаҳои байналмилалии фаннии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (ба истиснои озмунҳои фосилавӣ), ки аз фанни асосии имтиҳонии ихтисос(ҳо)-и интихобкарда соҳиби медали ҷойи 2-юм ва тавсияномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гаштаанд. |
| 3.3. | Довталабоне, ки дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат кардаанд. |
| *4.* | *Шахсоне, ки ба натиҷаи имтиҳонҳояшон* ***50 бал*** *илова мешавад:* |
| 4.1. | Ғолибони олимпиадаҳои фаннии ҷумҳуриявии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки аз фанни асосии имтиҳонии ихтисос(ҳо)-и интихобкарда соҳиби медали ҷойи 3-юм ва тавсияномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гаштаанд. |
| 4.2. | Ғолибони олимпиадаҳои байналмилалии фаннии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (ба истиснои озмунҳои фосилавӣ), ки аз фанн(ҳо)-и асосии имтиҳонии ихтисос(ҳо)-и интихобкарда соҳиби медали ҷойи 3-юм ва тавсияномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гаштаанд. |

**!** **Балҳои имтиёз ба натиҷаҳои имтиҳонҳои танҳо довталабони имтиёздоре илова карда мешавад, ки онҳо аз ҳамаи субтестҳои дахлдор холҳои гузариши фанниро ба даст овардаанд.**